**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Нарзуллозода Суҳроб Саидаҳмад дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

Тадқиқоти диссертатсионии Нарзуллозода Суҳроб Саидаҳмад дар мавзӯи – «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» яке аз масъалаҳои мубрами на танҳо қонунгузории ҷиноятӣ, балки назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад. Зеро, айни ҳол, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҷавобгарӣ барои ҷинояти номбурда ба таври зарурӣ танзим нагардида, дар он баъзе аз норасоиҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд. Чунин нуқсонҳоро муаллиф ҳангоми муқоиса бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои иштирокчии ИДМ, ки дар зербоби дуюми кори мазкур (С. 49-71) гузаронида шудааст, муайян намуда, бо назардошти таҷрибаи мусбати қонунгузории ҷиноятии давлатҳои зикрдшуда роҳҳои бартараф намудани онҳоро пешниҳод намудааст. Гузашта аз ин, диссертант ҷиҳати ба ҳамдигар наздик намудани қонунгузории миллӣ ба давлатҳои иштирокчии ИДМ, ки аз талаботи шартномаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои номбурда бармеояд, кӯшидааст, ки ин саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Номукаммалии қонунгузории ҷиноятии кишвар боиси ба миён омадани баҳсҳо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба мавзӯи мазкур

гардидааст. Чунончи, муаллиф дуруст қайд менамояд, ки то ҳол миёни олимон доир ба мафҳумҳои «идоракунандаи воситаи нақлиёт», «вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ», «вайрон кардани қоидаҳои истифодаи воситаҳои нақлиёт», поён фаровардани синну соли ҷавобгарӣ аз 16 ба 14-сола, шакли содиршавии кирдор ва дигар масъалаҳое, ки бевосита ба ҷинояти тадқиқшаванда рабт доранд, фикри ягона дида намешавад, ки ин метавонад, боиси ба таври гуногун татбиқ намудани меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ гардад (С. 7).

Дар кори мазкур алоқамандии мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ бо дигар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ қайд гардида, дараҷаи омӯзиши илмии мавзӯъ оварда шуда, саҳми ҳар як олими ватанӣ ва хориҷӣ, ки дар рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ бориз мебошад, нишон дода шудааст.

Объект ва мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ дуруст муайян гардида, мақсади кори илмӣ тавассути ҳалли вазифаҳои гузошташуда амалӣ гардидааст.

Дар кори мазкур бо дарназардошти усулҳои умумиилмӣ ва усулҳои илмии хусусӣ, заминаҳои меъёрӣ, эмперикӣ ва асосҳои назариявии тадқиқоти диссертатсионӣ ба таври васеъ истифода гардидаанд.

Навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки кори илмии мазкур нахустин тадқиқоти диссертатсионие мебошад, ки дар он ба таври муназзам рушди қонунгузории ватанӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои ИДМ, таҳлили аломатҳои объективию субъективӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзӯи номбурда, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ҳамзамон, навгонии тадқиқоти мазкур ба чунин асосҳо ифода меёбад:

– даврабандии таърихи рушди меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон, ки вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт пешниҳод карда шудааст;

– қонунгузории ҷиноятии давлатҳои иштирокчии ИДМ-ро вобаста ба дараҷаи муайяниятии аломатҳои таркиби ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ба гурӯҳҳо ҷудо намудааст;

– муқаррар намудани меъёри ҳавасмангардонӣ нисбати шахсе, ки кирдори пешбининамудаи м. 212 КҶ ҶТ-ро содир намуда, тамоми чораҳои имкониятпазирро ҷиҳати расонидани ёрӣ ба ҷабрдида дида бошад, асоснок карда шудааст;

– ҷиҳати ҳалли баҳсҳои назариявӣ ва мушкилоти амалия зарурияти мустаҳкам намудани мафҳумҳои «вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ» ва «вайрон кардани қоидаҳои истифодаи воситаҳои нақлиёт» дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор исбот гардидааст;

– бо дарназардошти таҷрибаи мусбати қонунгузории давлатҳои иштирокчии ИДМ ва бо мақсади пурзӯр намудани мубориза бар зидди вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва (ё) истифодаи воситаҳои нақлиёт пешниҳод гардидааст, ки дар ҳолати мастӣ содир намудани ин ҷиноят, ки аз беэҳтиётӣ боиси расонидани зарари миёна ба саломатии инсон гардидааст, ҳамчун аломати алоҳидаи бандубасткунандаи ҷиноят муқаррар карда шавад.

– ҳамчун аломати бандубасткунандаи ҷиноят мустақар кардани “дар ҳолати мастӣ вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва (ё) истифодаи воситаи нақлиёт, ки аз беэҳтиётӣ боиси расонидани зарари миёна ба саломатии инсон гардидааст” собит намудааст;

– дигар коркардҳои муаллифӣ вобаста ба ҳалли мушкилот ҳангоми татбиқнамоии меъёрҳои ҷинояти мазкур пешниҳод карда шудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии тадқиқоти анҷомдодашуда дар он зоҳир мегардад, ки нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда шудаанд, имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявии мафҳумҳои ба мавзӯи мазкур рабтдошта, тавзеҳ дода шаванд. Ғайр аз ин, нуктаҳои мазкур метавонанд, барои такмили фаъолияти

қонунгузорӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, таҳияи Қарори Пленуми Суди Олӣ, корҳои минбаъдаи илмӣ-тадқиқотӣ ва дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода гарданд.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Хулосаҳо, муқаррарот ва таклифу тавсияҳои асосии дар тадқиқот пешниҳодшуда, дар мақолаҳои илмии ба чопрасидаи муаллиф ва як қатор конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмӣ-назариявӣ инъикос ва баён шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 14 мақолаи илмӣ аз ҷумла, 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Унвонҷӯ дар ҷараёни тадқиқоти диссертатсионӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод ишора менамояд. Диссертатсияи мазкур бо забони адабии тоҷикӣ дар шакли илмӣ ва суфтаву фаҳмо навишта шудааст. Ибораҳои ҳуқуқӣ аз забони русӣ ба тоҷикӣ дар сатҳи илмӣ тарҷума гардидаанд.

Сохтори рисолаи диссертатсионӣ бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, аз рӯйхати ихтисорот, пешгуфтор, ду боб, шаш зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) ва замима иборат буда, ҳаҷми умумии он 217 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки диссертатсияи Нарзуллозода Суҳроб Саидаҳмад дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» тадқиқоти мантиқан анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ дорад ва аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои натиҷаҳо ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимояи ошкор пешниҳодшаванда мебошад, ки дар он саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба назар мерасад. Рисолаи мазкур ба талаботи бандҳои 10, 11, 14 ва 16 - Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ бо ихтисоси 12.00.08. – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор** **Сафарзода А.И.**

**Имзои А.И. Сафарзодаро тасдиқ мекунам. Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

29.06.21